Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Доир ба баъзе хусусиятҳои лаҳҷаи Варзоб ва ҷанбаҳои этникии сокинони ноҳияи мазкур якчанд асару мақолаҳо таълиф гардидааст, вале лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагии он аз мадди назари муҳаққиқон берун мондааст. Мубрамияю навгонӣ ва аҳамияти илмии пажуҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ, инчунин, роҳҳои ташаккулу таҳаввули лексемаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ ба дастовардҳои донишмандони варзидаи ватаниву хориҷӣ такя намуда, аз усулҳои мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ ва оморӣ моҳирона истифода намудааст, ки барои ҳалли бомуваффақияти мақсаду вазифаҳои пажуҳиш мусоидат намудааст.

Аз муҳтавои автореферат маълум гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст ва дар умум 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима чун анъана мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариву методологӣ, сарчашмаву навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариву амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври хос асоснок карда шудааст.

Дар боби якум – «Таҳқиқи луғавии калимаҳои предметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ», ки аз 12 фасл иборат аст, масъалаҳои назариявии марбут ба луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, калимаҳои соҳавӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, дар боби мазкур воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвоноти хонагии хурд, калон ва боркашу саворӣ ба таври муфассал мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуданд.

Боби дуюм – «Таҳқиқи луғавии вожагони ғайрипредметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ», 6 фаслро дар бар мегирад ва ба таҳқиқи вожагони ифодагари хусусиятҳои зоҳирӣ ва хислату рафтор, зот, русум ва одот, нидоҳо ва вожагони ифодакунандаи амал, ки ба ҳайвоноти хонагӣ рабт доранд, бахшида шудааст.

Боби сеюм «Таҳқиқи забонӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, диққати асосӣ ба таҳқиқи иқтибосот (арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-байналмилалӣ), қабатҳои маъноӣ (муродиф, калимаҳои ҳамовоз, мутазод) ва ҷанбаҳои сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ равона гардидааст.

Хулоса дар 17 банди ҷудогона натиҷагирӣ гардида, аннотатсия бо се забон тарҷума шудааст, ки муҳтавои асосии таҳқиқро ифода менамоянд.

Бо вуҷуди дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудҳои зерин роҳ ёфтаанд:

1. Хулосаро кӯтоҳ кардан мувофиқи мақсад аст.
2. Дар автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмии автореферат ва диссертатсияро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва мақолаҳои муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»))» бо муҳиммият,

навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Номзади илми филология,**
**и. в. дотсенти кафедраи забонҳои**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Икромова Г.Х.**

**Имзои Г.Х. Икромоваро тасдиқ мекунам,**
**сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ:** **Шарипова Д.А.**

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Раҷабовҳо, 10.
Тел.: +992 935836692

«01» _июни 2023